«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.

________________________

«18» 04.2024

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович таҳти унвони “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”- и Унсурулмаолии Кайковус” ба бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Наҳв яке аз шохаҳои муҳимтарини илми забоншиносӣ ба шумор рафта, барои ба танзим даровардани нутқи шифоҳию хаттии одамон ҳамчун меъёри ягона хизмат мекунад. То имрӯз доир ба вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус ҳанӯз ягон кори илмии мукаммал ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Диссертатсияи номзадие, ки Давлатов А.Н. анҷом додааст, бевосита ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин мавзуъ бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ аз як тараф, барои такмил ва инкишофи солими забони адабии муосири тоҷик ва таҳқиқи наҳвиёти осори беҳтарини адабиёти классики маводи пурарзиш диҳад, аз тарафи дигар, аз таҳқиқи осори насрии ин давра маълум мегардад, ки насри ин давра сода

ва равон буда, аз такаллуфоту иборапардозӣ орӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми бевоситаи шахсии ӯро таъкид менамоянд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди назаияҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант унвон кард. Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба омӯзиши илми наҳв мусоидат менамояд. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои мушоҳидаву муқоиса, хулосабарорӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ, оморӣ ва таҳлилу таҷзияи маводи наҳвӣ босамар истифода намудааст.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид намуд, ки дар диссретатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович бо як равиши муназзами илмӣ масъалаҳои корбурди вижагҳои наҳвии ҷумлаҳои сода, мураккаб ва банди наҳвӣ дар насри асри XI ба риштаи таҳлил кашида шуда, мақсади ниҳоӣ ба даст омадааст. Натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки интихоби мавзуъ ва равиши баррасии илмии он дуруст ба роҳ монда шудааааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат мебошад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар диссертатсия вижагиҳои корбурди воҳидҳои наҳв дар асар ба таври

мушаххас ва бо усули оморӣ нишон дода шудааст.

Навигарии илмиц рисола боз дар ин аст, ки таҳқиқи маҷмуи вижагиҳои наҳвию грамматикии «Қобуснома» манзараи забони адабии тоҷикро дар асри XI равшан намуда, шарҳу тавзеҳи масоили мавриди назар, қонунияту роҳҳои инкишофи таркиби луғавӣ, устувории сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро нишон медиҳад ва дар ин замина нақши осори адабӣ ва адибони алоҳидаро ошкор менамояд.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқи мазкур сохтори наҳвии забони адабии классикии тоҷикиро дар як давраи муайяни таърихӣ, дар асоси маводи таҳлилшуда нишон медиҳад.

Дастовардҳои илмии ин таҳқиқ дар ҳалли як қатор масоили назариявии наҳви забони адабии муосири тоҷикӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин муқоисаи маводи таҳлилгардида барои муайян кардани раванди инкишофи воҳидҳои наҳв, ба мисли ибора, ҷумла ва банди наҳвӣ дар давраҳои гуногун аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Низоми муайянгардидаи таҳлили наҳвии забони «Қобуснома» барои таҳқиқи минбаъдаи илмию назариявӣ дар ин самт метавонад ҳамчун асос ва замина хизмат намояд.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқро натиҷаҳои таҳқиқ амалан барои фанҳои тахассусӣ дар ихтисосҳои забоншиносӣ, тарҷумаи бадеӣ, матншиносӣ, таҳлили матни бадеӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ, инчунин, дар омӯзишу таҳқиқи забони осори адибон низ ташкил медиҳад. Ҳамчунин бахшҳои алоҳидаи ин кор дар ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таълиму тадрис қарор бигирад.

Диссертатсияи Давлатов А.Н. аз ду боб, фаслҳо ва зерфаслҳо, хулоса ва руйхати адабиёт иборат буда, 172 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад ва бо ҳаҷму мазмун ва моҳияти хеш ба талаботи илмии номзади илмҳои филологӣ ҷавобгӯ аст.

Дар муқаддима роҷеъ ба дархости замон будани мавзуъ, дараҷаи пажӯҳиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию

методологии диссертатсия ва навгониҳои он, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, муқарраротиасосии кор, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ва ихтисораҳо маълумот пешниҳод гардида, муҳиммияти мавзуи таҳқиқ ва объекту предмети он мушаххас карда шудааст

Боби якуми диссертатсия "Хусусияти сохторию маъноии ҷумлаҳои сода дар "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус" ном дошта, панҷ фасл ва панҷ зерфаслро фаро мегирад. Фасли аввали боби мазкур аз вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои содаи "Қобуснома" маълумот медиҳад. Муҳаққиқ аз ду ҷиҳат ба хелҳо ҷудо шудани ҷумлаҳои содаро қайд менамояд, ки ин ҳам ҷиҳати сохту таркиб ва мақсаду оҳанг мебошад. Аз рӯйи пажуҳиши муҳаққиқ маълум гардидааст, ки дар "Қобуснома" ҷумлаҳои содаи дутаркиба нисбат ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар фасли дуюм бошад, ҷумлаҳои "Қобуснома" аз ҷиҳати маъно ва оҳанг таҳлил гардидаанд, ки аввалан ҷумлаҳои ҳикоягии асар ва баъдан ҷумлаҳои саволии асар рӯйи қоғаз оварда шуда, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар мавриди ҷумлаҳои саволӣ ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ин зерфасл инчунин доир ба ҷумлаҳои саволии риторикӣ, ки ҷавобро талаб намекунанд, маълумот дода шудааст.

Фасли сеюми боби номбурда ба таҳқиқу омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркибаи "Қобуснома" бахшида шуда, муҳаққиқ ҷумлаҳои содаи яктаркибаро ба ҷумлаи яктаркибаи мубтадо ё номӣ ва ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ тасниф намудааст. Дар баробари ин дар 5 зерфасли фасли сеюм навъҳои ҷумлаҳои содаи яктаркибаи асари мавриди таққиқ таҳлил гардида, ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълии муайяншахс, ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълии умумишахс, ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълии номуайяншахс ва бешахс дар алоҳидагӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Фасли чоруми диссертатсияро масъалаи ҷумлаҳои дутаркиба фаро мегирад. Перомуни ҷумлаҳои дутаркиба дар диссертатсия қайд мегардад, ки ҷумлаҳои дутаркиба вобаста ба ифодаи хабар, типи феъл ду қолаб доранд, ки дар онҳо аъзоҳои ҳатмии ҷумла ва мукаммалии грамматикиву маънoии нисбӣ мавҷуданд, ки муҳаққиқ қолаби якуми ин навъи ҷумлаҳоро аз мубтадо ва хабари бо феъли монда ифодагардида иборат медонад ва қайд менамояд, ки дар он сараъзоҳо ҳадди эътидоли ҳатмии сохторӣ доранд. Таркиби қолаби дуюмро бошад, аз мубтадо, хабари бо феъли гузаранда ифодагардида ва пуркунандаи бевоситаи суратёфта ва суратнаёфта иборат аст, ки дар он ба ғайр аз сараъзоҳо пуркунандаи бевосита низ ҳадди ҳатмии сохторӣ ҷумла ба ҳисоб меравад.

Дар фасли панҷуми кор иштироки аъзоҳои чумла дар ҷумлаҳои сода баррасӣ шудаанд, ки дар навбати худ дар диссертатсия аъзоҳои ҷумла ба сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла ҷудо карда шудаанд. Дар зерфасли алоҳида аъзоҳои чидаи ҷумла ва вижагиҳои он дар “Қобуснома” зикр шудаанд.

Фасли шашуми ин боб ба таҳқиқи тарзу воситаҳои алоқаи наҳвии калимаҳо дар ҷумлаҳои содаи “Қобуснома” бахшида шудааст. Он аз панҷ зерфасли алоҳида иборат мебошад, ки ҳар як фасл мавзуъҳои пайдарпай ва ба ҳам алоқаманди воситаҳои алоҳаи наҳвиро дар бар мегирад. Пас, алоқаи пайваст ва хелҳои он, воситаҳои грамматикии алоқаи пайваст, алоқаи тобеъ, воситаҳои грамматики ва хелҳои алоқаи тобеъ аз ҷумлаи ин масъалаҳо мебошад.

Боби дуюми диссертатсия “Ҷумлаҳои мураккаб дар “Қобуснома”-и Унсурмаолии Кайковус” ном гирифтааст, ки ба таври васеъ ин навъи ҷумлаҳоро таҳлил намудааст. Фасли якуми боби номбурда “Ҷумлаи мураккаби пайваст дар “Қобуснома”” унвон гирифта, муҳтавои он дар доираи панҷ фасл ҷой дода шудааст. Зикр кардан бамарид аст, ки фаслҳои мазкур ба зерфаслҳо ҷудо нашудаанд, балки дар онҳо гурӯҳбандии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва пайваст ба назар расиданд. Дар боби

номбурда вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаб ба таври муфассал таҳлил мегарданд. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки Унсурмаолии Кайковус ҳанӯз дар асри XI дар “Қобуснома”-и худ аз хелҳои гуногуни ҷумлаи мураккаб фаровон истифода бурдааст, ки ин ба маҳорати нотакрори сухангустарии ӯ ва сабки махсуси нависанда ишорат менамояд. Зимни таҳлили ҷумлаҳои мураккаби пайвасти асари мавриди таҳлил диссертант хулосаҳоро дар се банд манзур менамояд. Хулосаи ӯ аз он иборат аст, ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст фаровон истифода шудаанд. Вижагии ин навъи ҷумлаҳоро дар он медонад, ки бандаки хабарии “аст” дар ҷумлаи дуюм, сеюм ва баъди ҳафз мегардад. Инчунин пайвандаки “ва” дар ҷумлаҳои муракаби пайвасти кушода ба тарзи такрор бисёр омадааст ва як навъ хусусияти таъкидӣ пайдо намудааст. Пайвандаки пайвасткунандаи “ё” низ шумораи зиёди ҷумлаҳоро дар асар таъмин намудааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар “Қобуснома” таҳлил шуда, ҷумлаҳои пайрави ҷумлаҳои мураккаб гурухбандӣ гардидаанд. Муҳаққиқи мавзуи мазкур дар мавридҳои муайян аз сарчашмаву маъхазҳо, мисолҳо ва иқтибосҳои мувофиқро оварда, андешаҳои хешро далелнок мегардонад. Дар қисмати таҳлили ҷумлаҳои мураккаб номи забоншиносони тоҷик, ки дар самти наҳв саҳми хешро дар забоншиносии тоҷик гузоштаанд, қайд менамояд, ки инҳо Д.Т.Тоҷиев, М. Шаҳобова, Ҳ.Ҳусайнов, М.Қосимова, Н.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Рустамов, С.Атобуллоев, Қ.Қаландаров, Ф.Зикриёев, Д.Хоҷаев, В.Абдулазизов мебошанд.

Зимни таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мубтадо низ як қатор забоншиносоне, ки дар ин самт саҳмгузоранд, номбар намуда, қайд мекунад, ки С. Атобуллоев таҳти унвони “Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик” рисолаи илмии мукаммалеро ба сомон расондааст.

Ҳамин тариқ, ба тарзи муфассал ҳар як навъи ҷумлаи пайрав дар диссертатсия дар асоси маводи “Қобуснома” баррасӣ гардидааст.

Дар қисмати “Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳол” мушоҳида намудем, ки навъҳои он ба бандҳои алоҳида ҷудо карда шуда, вобаста ба ҳар як навъ ҷумлаҳои мувофиқи асар барои исботи андеша оварда шудаанд, ки дар маҷмуъ 10 навъро ташкил медиҳанд.

Фасли сеюм дар ин боб “Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб” дар “Қобуснома” унвон дошта, ки ба се қолаби аслии ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва ҳам қолабҳои фаръие, ки имрӯз дар забони адабии меъёрӣ мустаъмаланд, бахшида шудааст. Мувофиқи маълумоти диссертатсия маълум гардид, ки дар “Қобуснома” ҳар се қолаби аслии ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва ҳам қолабҳои фаръӣ хеле фаровон истифода шудааст ва қариб ҳамаи қолабҳои фаръие, ки имрӯз дар забони адабии меъёрӣ мустаъмаланд, вохурдаанд. Дар рафти кор диссертант ҷумлаҳои сертаркибро дар шакли нақша мушаххас овардааст.

Фасли чаҳоруми боби дуюм “Вижагиҳои банди наҳвӣ дар “Қобуснома” номгузорӣ шудааст. Ин фасл ба баррасии банди наҳвӣ, яъне воҳиди наҳвие, ки аз ҷумлаи мураккаб томтару аз матн поинтар ё хурдтар аст ва мушоҳидашавии он дар “Қобуснома" бахшида шудааст. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар асари пандуахлоқӣ банди яклухти наҳвӣ серистеъмол мебошад.

Фасли панҷуми боби дуюм – “Тарзу воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаб дар “Қобуснома”-и Унсурмаолии Кайковус”, ба воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ бахшида шудааст. Дар ин фасл як гурӯҳ воситаҳои грамматикӣ ва луғавию овоӣ оварда шудаанд, ки дар алоқаи ҳиссаҳои таркиби ҷумлаҳои мураккаб ёрӣ мерасонанд:

1) пайвандакҳо, 2) интонатсия, 3) эллипсис, 4) мутобиқати шаклҳои феълӣ, 5) тартиби ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаб, 6) калимаҳои ҳамнисбат, 7) аъзоҳои умумии ҳиссаҳо; такрор; мувозии сохтор; 8) донишинҳои энклитикӣ; 9) артикли номуайянии – е. Ин воситаҳои алоқа дар диссертатсия вобаста ба мансубияташон ба навъҳои ҷумлаҳои мураккаб ва корбасти онҳо дар “Қобуснома” хеле возеҳ таҳлил гардидаанд.

Дар автореферат ҳам фишурдаи таҳқиқот зикр шуда, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ҷогир карда шудааст. Муҳимтарин вижагиҳои диссертатсия дар таълифоти диссертант ифода ёфтаанд, ки мақолаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар автореферат бо тартиби муайян оварда шудаанд.

Диссертатсияи Давлатов А.Н. маводи илмии мукаммалро барои соҳаи забоншиносӣ дар бар мегирад ва дар ҷамъ намудани маълумоти он саҳми диссертант назаррас мебошад. Бо вуҷуди ин, дар рафти таҳия ва омода кардани диссертатсия муаллиф ба як қатор норасоиҳо роҳ додааст. Ба андешаи мо, зикри ин камбудиҳо ба фоидаи кор аст. Чунончи:

1. Зимни чоп ва таҳияи мундариҷаи кор ба ғалатҳои техникӣ роҳ дода шудааст, ки аз ин лиҳоз номувофиқатӣ дар рақамгузории қисматҳо мушоҳида гардид.
2. Дар диссертатсия ба ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ роҳ дода шудаанд:

а) Ғалатҳои имлоӣ: дар саҳифаҳои 4, 5, 15, 19,22,24,33,45,47, 48,48,52,67.

б) Ғалатҳои услубӣ: дар саҳифаи 144 дар ҷумлаи охири сархати аввал калимаи **метавонад** афтидааст.

в) Ғалатҳои техникӣ: Воҳидҳои забонӣ ( (саҳ. 3 30, 5 57, 66265,663,6 66, 1 108)ва мисолҳо зимни номбар шудан дар андешаронии муаллиф бо ранги сиёҳ ҷудо карда шаванд.

3. С.36-37 қолаби ҷумлаи дутаркибаи номӣ ёдовар шудааст, аммо дар ҷумлаҳои “Шоир неку мегӯяд” (с.36) ва ”Бар асари бозаргон бирафт” (с. 37) феъли номӣ дида намешавад.

4. Дар саҳифаҳои 41,42, 43 дар таҳлили ҷумлаҳо иштибоҳ мушоҳида мешавад.

5. Зимни овардани ному насаби олимону забоншиносон тартиби алифбо ва принсипи ягона риоя карда шавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи «Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад. Бар замми ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти забоншиносӣ мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 7 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Хулоса,** диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва умқу вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Гулзода Наврӯз омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 16-уми апрели соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, зид - «нест», бетараф - «нест».

Суратҷаласаи № 9, аз 16.04.2024.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Шерализода Адолат Шералӣ

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Гулзода Наврӯз

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**Имзоҳои д.и.ф., дотсент Гулзода Наврӯз., н.и.ф. Шерализода А., ва Юсупов Ш. Р.-ро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: +992 (37) 224-13-83.
Сомонаи расмӣ: WWW: www.tqpu.tj
«18» апрели соли 2024.